# Тақризи

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳасанова Нигора Ҷамоловна дар мавзӯи “Рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти унвони илмии номазади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12. ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор**

Ҳасанова Нигора Ҷамоловна Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро дар шаҳри Хуҷанд соли 2008 аз рӯи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ ба ҳайси асссиситент ва баъдан муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров кору фаолият менамояд. Ҳасанова Нигора аз соли 2018 ин ҷониб унвонҷӯи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Дар ин муддат якчанд маротиба дар кофренсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Дар ин муддат Ҳасанова Н.Ҷ. имтиҳоноти номзадиро бомуваффаққият супорида, корҳои илмии муайяне нашр кардааст, ки аз ин шумора 5 тои он дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

Муаллиф мавзӯи диссертатсияи номзадиро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳиммияти онро асоснок намудааст. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи ба он алоқаманд корҳои илмии назарияви муҳақиқон-иктисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалӣ ва омориро васеъ истифода будааст.

Диссертатсия се бобро ташкил медиҳад, ки дар боби якум, асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии стратегии бахши аграрии иқтисодиёти миллӣ баррасӣ гардида, мукамалгардонии консепсияи умумии он пешниҳод карда шудааст, инчунин моҳияти иқтисодии рушд ва қоидаҳои идоракунии стратегӣ, хусусияти идоракунии корхонаҳои бахши кишоварзӣ, асосҳои методологии таҳлили идоракунии стратегӣ дида баромада шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия методикаи таҳлили идоракунии стратегии корхонаҳои кишоварзӣ дида шудааст. Дар ин боб таҳлили идоракунии стратегӣ ҳамчун унсури асосии системаи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, моҳият ва таснифоти омилҳои муҳити берунии корхонаи кишоварзӣ, таҳлили идоракунии хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият дар соҳаи кишоварзӣ баррасӣ шудааст.

Дар боби 3-юми диссертатсия самтҳои такмили методикаи таҳлили идоракунии стратегии бахши аграрии иқтисодиёти миллӣ, таҳияи роҳҳои мукаммалсозии идоракунии стратегии бахши кишоварзӣ, методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, таҳияи амсилаи иқтисодӣ-математикии ҷобаҷогузории инфрасохторҳои истеҳсолии бахши кишоварзӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки асосҳои назариявӣ ва методологии таҳлили идоракунии стратегиро дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ илман асоснок намуда, барои расидан ба мақсади гузоштащуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот кушиш ба харҷ додааст.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконят фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба такмилдиҳии усулҳои таҳлили идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои хоҷаги қишлоқ мухтасар баён намояд.

Диссертатсияи анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳаллӣ масъалаҳои рушди методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Доштани малакаи илмии таҳлилӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар раванди иҷроиши кор аз тарафи муаллиф маводи амалӣ, ҷамъбаст гардида, усулҳои гуногун, муқоисакунӣ, комплексӣ, таҳлилӣ, оморӣ, риёзӣ ва ҷамъбасткунии маводи илмӣ ва ғ. истифода карда шудааст.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои дар боло қайд кардашударо ба назар гирифта чунин меҳисобем, ки Ҳасанова Н.Ҷ. вазифаҳои дар наздаш гузоштащударо бомуваффақият иҷро намудааст.

Диссертатсия мантиқан баанҷомрасида, кори илмии мустақилона иҷрошуда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, таҳлилӣ ва илман ассонокардашуда буда, тавсияҳои амалиро оид ба мукамалгардонии методикаи таҳлили идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ фаро гирифтааст.

Сохтор, муҳтаво ва тартиби барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 08.00.12.- ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

Имзои Хушвахтзода Қ.Х.-ро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсусӣ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**